**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ш. Душанбе, 2025. – 31 саҳ.).**

Дар шароити имрӯза аҳамияти асосҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро танзим мекунанд, зиёд шуда истодааст. Ин асосҳои ҳуқуқӣ барои танзими муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар вақти ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ ба вуҷуд меоянд, заруранд. Бе мавҷудият ва такмили чунин асосҳо беҳтар намудани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, махсусан бахшҳои оперативии онҳо, имконнопазир аст. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ равона шуда, дар айни замон барои беҳтар гардонидани низоми идоракунии худи ин соҳа заминаи заруриро муҳайё мекунанд. Аз ин рӯ, вақтҳои охир, аз ҷониби субъектони фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмил додани меъёрҳои қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мутобиқгардонии онҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ пайваста кор бурда мешавад

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян гардид, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар раванди мубориза бо ҷинояткорӣ аҳамияти калидӣ дорад. Натиҷаҳои ин фаъолият метавонанд дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ истифода шаванд, агар онҳо мутобиқ ба талаботи қонунгузорӣ ҷамъоварӣ ва ба расмият даровардa шаванд.

Таҳлил нишон дод, ки дар шароити кунунӣ сатҳи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирёбанда боқӣ монда, ин ҳолат зарурати боз ҳам пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро тақозо мекунад.

Фаъолияти ФОҶ ҳамчун воситаи муҳими муайянсозӣ ва ошкорсозии ҷиноятҳо, бояд бо меъёрҳои дақиқи ҳуқуқӣ танзим ва санҷида шавад.

Аз ин рӯ, истифодаи самараноки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ на танҳо ба сифатнокии таҳқиқи парвандаҳо таъсир мерасонад, балки заминаи боэътимоди адолати судиро фароҳам меорад. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдор, риояи қонунгузорӣ ва истифодаи технологияҳои муосир метавонанд самаранокии мубориза бо ҷинояткориро афзоиш диҳанд.

Дар таҳқиқот бори аввал ба таври ҳамаҷониба масъалаи истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудааст. Таҷзияи равандҳои ташаккул, санҷиш ва арзёбии ҳуқуқии ин натиҷаҳо дар марҳилаҳои тосудӣ, тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ, инчунин мушкилоти ҳуҷҷатгузорӣ ва назорати қонуният, баёнгари навгонии назариявӣ ва амалӣ мебошад. Пешниҳодҳои таҳқиқот барои такмили механизмҳои назоратӣ ва ҳуқуқии амалигардонии натиҷаҳои мазкур аҳаммияти амалии баланд доранд.

Навовариҳои кори мазкур дар хулоса ва пешниҳодоте, ки муаллиф ба ҳимоя пешниҳод кардааст, ба таври дақиқ ифода ёфтаанд.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи заминаҳои ҳуқуқӣ, ташкилию амалии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва истифодабарии натиҷаҳои он дар мурофиаи ҷиноятӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қисми муҳими низоми мубориза бо ҷинояткорӣ ва омили муҳими дастгирии исбот дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошанд.

Ин натиҷаҳо ба воситаи чорабиниҳои махсус ва усулҳои ғайриошкоро ҷамъоварӣ мешаванд ва дар сурати риояи талаботи қонунгузорӣ, метавонанд ҳамчун далелҳои исботкунанда истифода шаванд. Маҳз дар ин замина, ҷойгоҳи ҳуқуқии натиҷаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тартиби ба расмият даровардани онҳо аҳаммияти аввалиндараҷа касб мекунад. Мавқеи онҳо дар

марҳилаи тосудӣ, аз ҷумла то оғози парвандаи ҷиноятӣ, марҳилаи тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ, аз ҷониби мақомоти дахлдор – муфаттиш, прокурор ва судя – мавриди санҷиш ва арзёбӣ қарор гирифта, масъалаи қобили қабул будан ва эътибори ҳуқуқии онҳо ҳал карда мешавад.

Таҳқиқ нишон дод, ки дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бархе мушкилоти танзими ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷой доранд, аз ҷумла норӯшан будани талабот нисбат ба ҳуҷҷатгузорӣ, набудани механизми самараноки санҷиши қонуният ва назорати судии мустақим. Ин мушкилот метавонад дар амал боиси беэътибор донистан ё рад шудани чунин натиҷаҳо ҳамчун далел гардад.

Бо назардошти муҳимияти ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва амалӣ доштани ин масъала, зарурат ба такмили асосҳои ҳуқуқӣ, стандартҳои равшан ва таҳкими механизмҳои назоратӣ, аз ҷумла назорати судӣ ва идоравӣ, ба миён меояд. Дар ҳамин замина, пешниҳоди чораҳои зарурӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва таъмини адолати судӣ, аз ҷумла тавассути афзоиши шаффофият ва масъулият дар истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дар таҳқиқ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, бо вуҷуди ҷой доштани заминаҳои ҳуқуқӣ барои истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол меъёрҳои возеҳ ва дақиқ барои баҳо додан, санҷидан ва боэътимод донистани ин натиҷаҳо вуҷуд надоранд. Ин боис мегардад, ки дар амалия натиҷаҳои мазкур ҳамчун далели номуътамад ё қобили қабул набуда эътироф карда шаванд. Агар муаллиф масъалаи мазкурро низ мавриди таҳқиқ қарор медод, арзиши илмии онро боз ҳам бештар менамуд.

Масоили техникии тартиби барасмиятдарории маводҳои ФОҶ агар бо мисолҳои амалӣ пурратар шарҳ дода мешуданд, арзиши илмии рисолаи мазкурро боз ҳам баландтар менамуд.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф тадқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона ва таҳия шуда, масъалаи муҳими ҳуқуқи ҷиноятиро ба таври амиқу дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти назариявӣ ва такмили амалии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ҷиноятҳои вобаста ба амнияти иттилоотӣ саҳми назаррас дошта бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика
ва муқовимат ба коррупсияи Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қобилов Б.Қ.

**Имзои Қобилов Б.Қ-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Бобоев А.Х.

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» 735700, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н, х. 1: Тел.: +992 (3422) 2-38-11 Факс. +992 (3422) 2-51-70; сомона: Email: tsulbp@rambler.ru. www.tsulbp.tj

«___» _____________ 2025 сол